# ИШОРҲОИ ҶУҒРОФӢ



## ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Funded by the
European Union

CENTRAL ASIA INVEST
BOOSTING SMALL BUSINESS COMPETITIVENESS

**Ишорҳои ҷуғрофӣ** нишонае барои молҳоест, ки дар маҳалли мушаххаси ҷуғрофӣ истеҳсол шуда дорои хосиятҳо, обрӯ ва хусусиятҳое мебошанд, ки пеш аз ҳама ба маҳалли пайдоишашон вобастаанд.

**Терруар** як минтақаи маҳдуди ҷуғрофӣ/минтақаи истеҳсолӣ мебошад, ки дар он сокинони маҳаллӣ аз усулҳо ва технологияҳои истеҳсоли дастаҷамъӣ, ноу-ҳауи қадим / равишҳои таърихан истифодашуда кор мегиранд ва ин равиш асолати маҳсулотро муайян карда ва ба он сифат ё хусусияти фарққунанда медиҳад ва дар ниҳоят шӯҳрати маҳсулотро, ки дар минтақа ба вуҷуд меояд (terroir) эҷод мекунад.

**Шарҳи мухтасари фаъолияти консорсиуми "CANDY V" оид ба баланд бардоштани зарфият дар соҳаи Ишораҳои ҷуғрофӣ дар Осиёи Марказӣ.**

Яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти консорсиуми "CANDY V" ба баланд бардоштани иқтидори истеҳсолкунандагон, вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, коркардкунандагон, содиркунандагон, коршиносон ва мушовирони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи пешбурди маҳсулот, ва баланд бардоштани шиносоӣ ва шуҳрати минтақа дар бозорҳои хориҷӣ нигаронида шудааст.

**Ин ташаббус чаҳор кишвар, яъне Тоҷикистон, Қирғизистон, Узбакистон ва Қазоқистонро фаро мегирад.**

**Чорабиниҳои ба нақша гирифташуда аз инҳо иборатанд:**

- Ташкили семинарҳо ва мизҳои гирд оид ба баланд бардоштани зарфият;
- Инвентаризатсия (интихоби маҳсулоти эҳтимолӣ) ва таҳияи муштараки асосҳои техникӣ-иқтисодӣ барои маҳсулоти интихобшудаи GI;
- Озмоиши 1 маҳсулоти интихобшудаи GI дар як кишвар, барои ҳамагӣ чаҳор маҳсулоти GI бо потенсиали бештар;
- Ташкили форуми минтақавӣ оид ба масъалаҳои GI барои таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва равиши умумии ягона;
- Баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа тавассути платформаҳои мавҷудаи минтақавӣ (масалан, платформаи CAWG: https://ca-wg.net/) барои паҳн кардани иттилоот ва таҳияи чор видео;
- Ташкили як сафари мутолеотӣ ба ИА барои операторони эҳтимолии GI ва инчунин шӯъбаҳои дахлдори давлатӣ.



# ЗАРДОЛУИ ХУШКИ АШТАКИ АШТ

**Навъ** Мирсанҷалии зард ва сурх
**Кишвар** Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Вилоят** Вилояти Суғд

## Шарҳи минатақаи истеҳсолот

- Ҳудуди ноҳия аз доманаи қаторкуҳи Курама (Қуллаи Бобои-об, 3768 м) аз шимолу-ғарб тӯл кашида, қисми шимолии доманаҳои водии Фарғонаро аз ҷанубу шарқ то обанбори Баҳри тоҷик фаро мегирад.
- Иқлими ин минтақа континенталӣ буда, тобистони гарми офтобии хушк ва зимистони хеле сардро дорост.
- Ноҳияи Ашт дорои латндшафти ноҳамгун буда, дорои хокҳои сангӣ, хокистарӣ қаҳваӣ,  биёбонӣ ва хокистарии равшан мебошад.

## Шарҳи маҳсулот

Зардолуи хушки "Аштак" бо донааш, дар дарахт хушкшуда, дорои маззаи ширин бо таъми турши нозук ва накҳати зардолуи табиӣ буда, намуди нарму пажмурда дорад, ранги аз зарди чиркин то қаҳваранги ифлос дошта, меваааш калон нест, байзашаклу паҳмак аст.

ASHTAK
from Asht



# ХАРБУЗАИ ХОРАЗМ

**Навъ** Гурвак, Зар Гулобӣ, Қарри Қиз, Бешик ва Тириш
**Кишвар** Ҷумҳурии Ӯзбекистон
**Вилоят** Ҷилояти Хоразм ва Қорақалпоқистон

## Шарҳи минатақаи истеҳсолот

- Заминҳои регдори вилояти Хоразм ва Қарақалпоқистон дар мавзеъҳои Амударьё, ки дар замони кадим ба ҳайати хонигарии Хива дохил мешуданд.
- Хусусиятҳои кишоварзӣ ва парвариши зироатҳои полизӣ дар заминҳои «Қайр»
- Иқлими шадиди континенталӣ дар минтақа, тобистонҳои гарму хушк ва зимистонҳои нисбатан хунук.

## Шарҳи маҳсулот

Харбузаҳои Хоразм дорои дилаи боллазату шаҳдбор, накҳати хуши мушки ширин ва ширинии баланд мебошад, ки аз ҳисоби таъсири иқлим ва миқдори зиёди моддаҳои ғазоӣ ки дар мавзеъи дарёи Аму вуҷуд дорад, парвариш карда мешаванд.
Вобаста ба навъ, харбуза шаклҳои гуногун доранд, аз ҷумлаи мудаввар, дарозрӯя, тухмшакл ва эллипсоид. Харбузаҳои хоразмӣ аксар вақт пӯсти тормонанд доранд, ки анвоъи гуногуни рангҳои зард, норанҷӣ, сабзи равшан, сабз ва сабзи тира доранд.



# АПОРТИ АЛМААТО

**Навъ** Апорти Александр, Сурхи хунин
**Кишвар** Ҷумҳурии Қазоқистон
**Вилоят** Вилояти Алма-Ато

## Шарҳи минатақаи истеҳсолот

- Апорти Алмаато дар минтақаи доманакуҳи шимоли қаторкуҳи Зайлий Алатау, дар баландии аз 900 то 1700 метр аз сатҳи бахр парвариш мешавад.
- Заминҳои минтақаи истеҳсолӣ сиёҳзок ва намнок буда, дорои моддахои ғизонок мебошанд.
- Иқлими доманакӯҳҳо континенталии тез буда, ҳарорати шабонарӯз аз давраи гулкунӣ то ҳосилғундорӣ аз 12°С зиёд аст.

## Шарҳи маҳсулот

Апорти Алмаато ба навъҳои себи охири тирамоҳӣ тааллуқ дошта, аз навъҳои қадимтарини дарахти себ дар ҷаҳон мебошад. Себҳо шакли конусии бурида доранд. Пӯст гуворо ва ҳамвор аст, тобиши зебои дурахшон дорад. Меваҳо асосан сурх мебошанд, аммо холҳои сабз ва зард бо кунҷҳои норавшан доранд. Апорти Алмаато бо бӯи ғайриоддӣ ва таъми худ, миқдори зиёди қанд 13,5% ва калониаш, ки вазни ҳар якеш аз 250 то 400 грамм аст, фарқ мекунад.



# АСАЛИ САФЕДИ АТ-БОШӢ

**Навъ** Асали такгули кӯҳӣ
**Кишвар** Ҷумҳурии Қирғизистон
**Вилоят** Вилояти Норин

## Шарҳи минатақаи истеҳсолот

- Ноҳияи Ат-Бошӣ (баландиаш 1700 м. ва болотар) дар ҷануби вилояти Норин вокеъ буда, дар шимол бо вилоятхои Акталу Норин, дар ғарб бо Уш, дар шарқ бо вилояти Иссиқ-Кули Қирғизистон ва дар ҷануб бо Чин ҳамсарҳад аст.
- Ноҳияи куҳсори атрофи Ат-Бошӣ ва Норин муҳити табиии фавқулодаест, ки ба хебӣ ҳифз шудааст.
- Эспорсети гул, ки аз шаҳд ба даст меояд, дар минтақаи баландкуҳ аз ҷиҳати муҳитзистӣ тоза мерӯяд.

## Шарҳи маҳсулот

Асали сафеди эспорсети Ат-бошй дар давоми 10—20 рӯз кристалл мешавад, ва ранги аз сафеди сероб то сафеди фавқулода бо рангхои марвориди сафед, банан ва беж ба худ мегирад. Бофти нарм ва кремӣ бо донаҳои бисёр хурд дорад. Асал бӯи мулоим ва сабуки гул бо таъми карамел дорад.

AT-BASHI
WHITE HONEY

www.ca-wg.net